**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№7**

**аз 12 декабри соли 2002** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи таҷрибаи аз тарафи судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оиди ретсидиви ҷиноят**
***(бо тағйиротҳое, ки бо қарорҳои Пленум аз 23 июни соли 2010 №19 ва аз 25 майи соли 2017, №17 ворид карда шудаанд)***

Такомули минбаъдаи фаъолияти судҳо оиди пешгирии ретсидиви ҷиноят дар ҳалли масоили марбут ба таҳкими қонуният ва истиқрори адолати иҷтимоӣ аҳамияти муҳим дорад. Маводҳои омӯхташуда шаҳодат медиҳанд, ки маҳз шахси дар ҳолати ретсидив ҷиноят содирнамуда дигар шахсонро ба роҳи ҷинояткорӣ ҷалб намуда, бештар ҷиноятҳои нисбатан хавфнок содир менамоянд ва барои байни маҳбусон дар муассисаҳои ислоҳӣ гузаронидани корҳои тарбиявӣ мамониат мекунанд.

Пленуми Суди Олӣ қайд менамояд, ки судҳо ба дида баромадани парвандаҳои марбут ба шахсе, ки ҷиноятро дар ҳолати ретсидив содир намудаанд таваҷҷӯҳи бештар медиҳанд, лекин аз сабаби он, ки мафҳуми ретсидиви ҷиноят бори аввал дар Кодекси ҷиноятии соли 1998 ҷорӣ карда шудааст, дар баъзе ҳолатҳо мақомоти тафтишотӣ ва судҳо ҳангоми дар ин қисм татбиқ намудани қонунгузорӣ ба хатогиҳо роҳ медиҳанд.

Дар баробари ин, дар таҷрибаи судӣ ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки дар бобати пурраю ҳаматарафа муайян намудани маълумотҳо оиди доғи судии пештараи судшаванда таваҷҷӯҳи зарурӣ дода намешавад, ки ин баъзан боиси нодуруст банду баст намудани ҷиноят мегардад. На дар ҳама ҳолатҳои зарурӣ нусхаи ҳукмҳои пешина ба маводи парвандаҳо ҳамроҳ карда мешаванд.

Судҳои алоҳида дар бобати муайян намудани сабаб ва шароитҳое, ки ба такроран содир намудани ҷиноятҳо мусоидат намудаанд, таваҷҷӯҳи лозима намедиҳанд, на ҳама вақт ҷиҳати ошкор намудани камбудиҳои кори мақомоти корҳои дохила, маъмурияти коллективи меҳнатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятии корхонаю муассисаҳо, инчунин мақомоти иҷрокунандаи ҷазо оиди расонидани кӯмаки иҷтимоӣ, фароҳам овардани шароитҳои меҳнатию маишӣ, расонидани ёрии моддӣ ба шахси аз маҳалҳои маҳрум сохтан аз озодӣ озодгардида ва ҳамчунин оиди бо онҳо гузаронидани корҳои тарбиявӣ чораҳо меандешанд.

Судҳо дар як қатор мавридҳо қарори шартан пеш аз мӯҳлат озод намуданро қабул карда, ҳамаи маълумотҳоеро, ки шахсияти маҳкумшударо тавсиф менамоянд, таҳқиқ намекунанд, ки дар натиҷа ин чора баъзан нисбати он шахсе, ки ислоҳ шуданашонро исбот накардаанд, татбиқ мешавад

Бо назардошти ҳамин, бо мақсади дуруст ва якхела татбиқ намудани қонунгузории марбут ба ретсидиви ҷиноят, дар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: -

**Қ А Р О Р  К А Р Д:**

1. Судҳоро лозим аст, ки аҳамияти масъалаҳои гузошташударо оиди пешгирии ҷиноятҳои ритсидивиро ба инобат гирифта, барои дар оянда дар асоси риояи қатъии қонуният такмил додани фаъолияташон ҷиҳати баррасии парвандаҳои марбут ба шахси дар ҳолати ретсидив ҷиноят содирнамуда таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намоянд.

2. Судҳо бояд ба инобат гиранд, ки қонунгузор аз тавсияи номгӯйи ҷиноятҳое, ки дарбаргирии онҳо барои шахсро ретсидивисти махсусан хавфнок донистан асос мешуданд, даст кашидааст. Ба ҷои

ин категорияҳои ҷиноятҳое, ки дар моддаи 18 Кодекси ҷиноятӣ дохил карда шудаанд, истифода мешаванд (ҷиноятҳои начандон вазнин, дараҷаи миёна, вазнин ва махсусан вазнин).

Кодекси ҷиноятӣ аз мафҳуми "ретсидивисти махсусан хавфнок" ҳам даст кашида, таваҷҷӯҳро на ба шахсияти шахси ҷиноят содиркарда, балки ба ҳолатҳое, ки хавфнокии баланди ҷамъиятии кирдорро тавсиф мекунанд, зоҳир намудааст. Кодекс мафҳумҳои "ретсидив", "ретсидиви хавфнок", "ретсидиви махсусан хавфнок"-ро муқаррар намудааст.

3. Мутобиқи қисми 1 моддаи 21 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ретсидиви ҷиноят ҷинояти қасдан содирнамудаи шахсе эътироф мешавад, ки барои ҷинояти пештар қасдан содирнамудааш доғи судӣ дорад. Барои ҷинояти содиршударо дар ҳолати ретсидив эътироф намудан, бояд ҳолатҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:

- ретсидивро танҳо ҷиноятҳои қасдона ташкил мекунанд;
- аз ҷониби як шахс содир намудани на камтар аз ду ҷинояти қасдона;
- доштани доғи судӣ барои ҷинояти қаблан содирнамуда.

4. Шартҳои ҷинояти содиршударо дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок эътироф намудан дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи 21 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд.

Мақомоти тафтиши пешакӣ ва судҳо вазифадоранд, ки ҷой доштани шартҳои дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи 21 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо, ки барои ҷинояти содиршударо дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок эътироф намудан ҳуқуқ медиҳанд, муқаррар намуда, инро ҳангоми банду баст намудани кирдори содиршуда ба инобат гиранд.

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти ҷинояти содиршударо дар ҳолати ритсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок эътироф накардан пешбинӣ нашудааст, агар шахс ҷиноятро бо шартҳое, ки дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи 21 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд, содир карда бошад.

5. Дар қисми 4 моддаи 21 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри басо муҳиме мавҷуд аст - қонун чунин мешуморад, ки доғи судӣ барои ҷиноятҳое, ки шахс дар синни то 18-солагиаш содир намудааст, ҳангоми эътироф намудани ретсидив ба ҳисоб гирифта намешавад. Бинобар ҳамин судҳоро лозим аст, ки ба муайян кардани ҳолати аз тарафи гунаҳгор дар кадом синну сол содир шудани ҷиноятҳо диққати махсус диҳанд.

6.Дар қисми 4 моддаи 21 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин махсус қайд карда шудааст, ки доғи судие, ки мувофиқи моддаи 84 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бардошта ё барҳам дода шудааст, ҳангоми эътироф намудани ретсидиви ҷиноят ба назар гирифта намешавад. Дар ин сурат хусусияти ҳар кадоме аз ҷиноятҳо (онҳо метавонанд айнан, якхела ва ё ҳархела бошанд), намуди ҷазои таъиншуда (ба истисноӣ ҳолатҳои эътироф намудани ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок, ки маҳкум кардани шахсро барои қаблан содир намудани ҷиноят танҳо ба маҳрум сохтан аз озодӣ дар назар дорад), намуди муассисаи ислоҳӣ, ки дар он маҳкумшуда пеш ҷазоро адо намудааст ё адо карда истодааст (дар ҳолати маҳкум намудан ба маҳрум сохтан аз озодӣ) ва ғайра аҳамият надоранд. Судҳоро лозим аст ба инобат гиранд, ки доғи судӣ мумкин аст на танҳо бо тартибе, ки дар моддаи 84 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, балки боз бо қабули санади авф ва бахшиши ҷазо, ки дар ин бора возеҳан дар моддаҳои 82 ва 83 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта шудааст, бардошта шавад.

7. Шахсони қаблан ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда онҳое дониста мешаванд, ки пеш бо ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шуда, доғи судиашон барҳам нахӯрда ё бардошта нашудааст. Бояд дар назар дошт, ки ҳангоми эътирофи ретсидиви ҷиноят доғи судӣ барои ҷинояте, ки нисбати он шартан татбиқ накардани ҷазо ё ин ки аз рӯи он мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм татбиқ гардидааст (моддаҳои 71,78 КҶ ва 390 КМҶ) агар шартан татбиқ накардани ҷазо ё мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм бекор карда нашуда, шахс барои адои ҷазо ба ҷойҳои маҳруми аз озодӣ фиристонида нашуда бошад, ба назар гирифта намешавад.

Шахсе, ки бо ҳукми суд ба ҷазои корҳои ислоҳӣ ё маҳдуд кардани озодӣ маҳкум шуда, бо асосҳои дар қисми 3 моддаи 52 ва қисми 3 моддаи 54 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда корҳои ислоҳӣ ё маҳдуд кардани озодӣ ба маҳрум сохтан аз озодӣ иваз карда шудааст, инчунин хизматчии ҳарбие, ки суд ба ӯ мутобиқи қисми 1 моддаи 56 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои содир намудани ҷиноят ба ҷои маҳрум сохтан аз озодӣ нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии инти-

зомӣ татбиқ кардааст, ҳамчун ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда дониста намешаванд.

Судҳо бояд дар назар доранд, ки шахсе, ки ба ӯ бо ҳукми суд ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъин шудааст у лекин ҳукм бо сабаби гузаштани мӯҳлат ба иҷро расонида нашудааст (моддаи 81 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон), чун қаблан ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда дониста намешавад.

8. Ретсидиви ҷиноят таъини ҷазои нисбатан вазнинро тақозо менамояд. Ин маънои онро дорад, ки дар вақти таъин намудани ҷазо ретсидив мутобиқи банди “а” қисми 1 моддаи 62 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон чун ҳолати вазнинкунанда ба инобат гирифта мешавад. Аммо бояд дар хотир дошт, ки мувофиқи қисми 3 моддаи қайдшуда, агар ретсидиви ҷиноят бо моддаи дахлдори қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ ба сифати аломати муайянкунандаи ҷиноят пешбинӣ шуда бошад, суд онро такроран ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазо ба ҳисоб гирифта наметавонад.

Қоидаҳои махсуси баҳисобгирии ретсидив дар вақти таъин намудани ҷазо дар моддаи 66 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидаанд, ки мувофиқи он ҳангоми таъин намудани ҷазо дар ҳолати ретсидив, ретсидиви хавфнок ё ретсидиви махсусан хавфнок шумора хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷиноятҳои пештар содиршуда, ҳолатҳое, ки дар асоси онҳо таъсири ислоҳкунии ҷазои қаблӣ нокифоя менамоянд, инчунин хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноятҳои нав содиргардида ба назар гирифта мешаванд.

Дар вақти муайян кардани мӯҳлати ҷазо дар ҳолати ретсидив лозим аст, ки талаботҳои қисмҳои 2 ва 3 моддаи 66 КҶ ба роҳбарӣ гирифта шаванд.

Дар ҳолате, ки ретсидив дар моддаҳои қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ махсусан қайд шуда, ҳамчун аломати вазнинкунанда ба ҳисоб гирифта шудааст, он банду басти ҷинояти мазкурро иваз менамояд.

9. Бояд дар назар дошт, ки содир намудани ҷиноят дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок, аломати вазнинкунандаи ҷиноят мебошад ва аз ин рӯ аломати мазкур бояд ҳангоми айбдоркунӣ аз тарафи мақомоти тафтиши пешакӣ ба айбдоршаванда эълон карда шавад ва дар фикри айбдорӣ нишон дода шавад. Аз тарафи мақомоти тафтиши пешакӣ ҳамчун аломати бандубасткунанда нишон надодани ҷинояти дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок содиршударо барои ба тафтиши иловагӣ фиристонидани парванда асос мегардад.

10. Ба судҳо зарур аст, ки сифати баррасии судии чунин парвандаҳоро беҳтар намоянд ва нисбати мақомоти тафтиши дар бобати аз ҷониби онҳо муайян намудани маълумотҳо оиди доғи судии пештара, мӯҳлати амалан адошудаи ҷазо барои ҷиноятҳои қаблӣ ва асосҳои аз адои ҷазо озод шудани чунин шахс талаботро зиёд кунанд.

Дар сурати набудани чунин маълумотҳо ва дар ҷараёни омодагӣ ба баррасии парванда ё дар мурофиаи судӣ ғайриимкон будани бартараф намудани онҳо чунин парвандаҳо бояд ба тафтиши иловагӣ баргардонида шаванд.

11. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мувофиқи банди “б” қисми 7 моддаи 76 КҶ шахсе, ки ҷиноятро дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок содир намудаанд, шартан пеш аз мӯҳлат аз адои ҷазо озод карда намешаванд.

12. Диққати судҳо ба он равона карда шавад, ки оиди ҳар як парванда нисбати ба шахси дар ҳолати ретсидив ҷиноят содирнамуда, бояд сабаб ва шароите, ки барои аз тарафи ин шахс такроран содир намудани ҷиноят мусоидат намудаанд, муайян карда шаванд. Ҳангоми ошкор намудани чунин камбудиҳо судҳоро лозим аст, ки бо роҳи баровардани таъинотҳои хусусӣ ва ба диққати шахсони мансабдор расонидани онҳо, барои бартараф намудани ин нуқсонҳо чораҳо андешанд.

13. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 сентябри соли 1976 бо тағйироту иловаҳои бо Қарори Пленум аз 18 декабри соли 1987 №8 “Дар бораи таҷрибаи аз тарафи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намудани қонунгузорӣ оиди мубориза алайҳи ретсидиви ҷиноят” воридгардида аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Фатҳиллоев**
**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **З.Н.Азизов**